<u>ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ»-И ҶИЭ ДАР Ш. ДУШАНБЕ</u>

# СИЁСАТИ ФОИЗИИ
## ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ»-И ҶИЭ ДАР Ш. ДУШАНБЕ

**ТАСДИҚ КАРДА ШУД:**

**Бо Қарори Ҳайати мудираи**
**Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ №**
**18/01/1507290 аз 27.11.с.2022**

МУНДАРИҶА

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........ 3
МОҲИЯТИ СИЁСАТИ ФОИЗӢ ........ 3
ҚОИДАИ ҲИСОБ КАРДАНИ ФОИЗҲО ........ 4
ШАХСОНИ МАСЪУЛ ........ 4
БОБИ 2. СИЁСАТ ОИД БА АМАЛИЁТҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛИ ФИЛИАЛ ........ 5
УСУЛҲОИ АМАЛӢ КАРДАНИ СИЁСАТ ........ 6
МЕЪЁРҲОИ ФОИЗИИ АМАЛКУНАНДА АЗ РӮИ ҲИСОБҲОИ ПАСАНДО-ЗӢ ........ 8
БОБИ 3. СИЁСАТ ОИД БА АМАЛИЁТҲОИ ФАЪОЛИ ФИЛИАЛ ........ 9
УСУЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТ ........ 9
МЕЪЁРҲОИ ФОИЗИИ ҶОРИИ ҚАРЗҲО ........ 14

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Сиёсати фоизии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе (минбаъд, Филиал) - ин маҷмӯи тадбирҳоест барои ба танзим даровардани муносиботи молиявӣ байни Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе ва муштариёни он, ки воситаҳои пулии муваққатан озоди худро дар Филиал мегузоранд ё худ аз Филиал тавассути идоракунии меъёрҳои фоизӣ қарз мегиранд.

Сиёсати фоизии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе ба гирифтани даромади софи фоизии ҳадди аксар аз амалиётҳои бонкӣ, аз хавфҳои қарзӣ ҳимоя намудан ва идоракунии пардохтпазирии тавозуни Филиал, равона шудааст.

## МОҲИЯТИ СИЁСАТИ ФОИЗӢ

Мундариҷаи Сиёсати фоизии Филиал аз чунин ҷузъҳоро иборат аст:

- гузоштани мақсадҳо;

- муайян намудани ваколатҳои мақомоти идоракунии Филиал, кумитаҳои корӣ ва шахсони мансабдор;

- тартиби аз рӯи амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъоли Филиал қабул намудани қарор барои муқаррар намудан ва аз нав баррасӣ кардани меъёрҳои фоизӣ;

- аз рӯи амалиётҳои бонкӣ муқаррар намудани меъёрҳои фоизии ҳадди аксар ва ҳадди ақал, ҷаримавӣ ва имтиёзнок, инчунин усулҳо ва меъёрҳои гуногунсозии онҳо;

- таин намудани воҳидҳои сохтории масъули Филиал барои таҳия ва дар амал ҷорӣ кардани сиёсати фоизӣ, инчунин баҳодиҳӣ ба хавфи фоизӣ ва омода намудани ҳисобот аз рӯи фоизҳои ҳисобкардашуда ва пардохташуда.

Роҳбарияти Филиал барои тасдиқ намудани сиёсати фоизии Бонк, ки бо мурури замон, дар асоси андешаҳои касбии роҳбарияти Бонк, инчунин вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти Филиал ва тағйир ёфтани шароити бозор, бояд аз нав баррасӣ шавад, ваколатдор аст.

Сиёсати фоизии Филиал имконият медиҳад, ки тавассути муқаррар намудани механизмҳои муйян кардани меъёрҳои фоизӣ, алоқамандии байниҳамдигарии сиёсатҳои Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе оид ба масъалаҳои ҷалб намудан ва ҷойгир кардани захираҳои пулиро ба танзим медароранд, таъмин карда шавад.

## ҚОИДАИ ҲИСОБ КАРДАНИ ФОИЗ

Ҳангоми ҳисоб кардани фоиз - чӣ аз рӯи пасандозҳои бонкӣ ва чӣ аз рӯи қарзҳо, формулаи ягона истифода бурда мешавад:

$$S = \frac{(K \times R \times T)}{D \times 100\%}$$, ки дар он:

S - ҳаҷми маблағи фоизӣ ҳисобкардашуда аз рӯи пасандозҳои бонкӣ ё қарз.

K - бақияи пасандози бонкӣ ё қарз;
R - меъёри фоизии солона аз рӯи пасандози бонкӣ ё қарз;
T - миқдори рӯзҳои ҷойгирсозии пасандози бонкӣ ё истифодабарии қарз;
**D** - миқдори рӯзҳои тақвимӣ дар сол, мебошад.

## ШАХСОНИ МАСЪУЛ

Дар Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе вазифаи ташкили идоракунии боэътимоди дороиҳо ва уҳдадориҳои Филиал ба зиммаи Доираи муҳосиботию амалиётии Филиал вогузор шуда, фаъолияти он аз ҷониби муовини Раиси Филиал (Бонк) назорат карда мешавад.

Барои дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани Сиёсати фоизӣ ҳангоми пиёда кардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо муштариён, инчунин ҳангоми ҷалб кардан ё ҷойгир кардани захираҳои пулӣ масъулият ба зиммаи Доираи муҳосиботию амалиётии Филиал гузошта мешавад.

Назорат аз болои дурустии муқаррар шудани меъёрҳои фоизӣ, инчунин кор аз рӯи ҳисоб кардани фоизҳои дороиҳо ва уҳдадориҳои пулии дахлдори Филиал, ба зиммаи кормандони сохтори амалиётии Филиал, ки таҳти сарпарастии Самуҳосиби Филиал ба пешбурди кори баҳисобгирию амалиётии Филиал машғул мебошанд, вогузор шудааст.

Ба зиммаи Масъули идоракунии хавфҳои Филиал, ҷавобгарӣ барои баҳодиҳӣ ба хавфҳои фоизии Филиал, тасдиқ намудани усулҳое, ки аз ҷониби Филиал барои баҳодиҳӣ ба хавфи фоизӣ, интихоби василаи барои маҳдуд сохтани хавфи фоизӣ истифодашаванда, инчунин ташкили мониторинги хавфҳои фоизӣ, вогузор карда мешавад.

Дар Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе вазифаи аз рӯи фоизҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда таҳия кардани ҳисоботҳо, ба зиммаи воҳиди кории махсусгардонидашуда – Муовини сармуҳосиби Филиал гузошта шудааст. Масъулияти мутахассиси воҳиди сохтории мазкур аз саривақт қабул кардан, ҷамъбаст намудан ва дар таркиби сандуқи депозитӣ, захиравӣ ва қарзии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе тартиб додани ҳисоботҳои Филиал, иборат мебошад.

## БОБИ 2. СИЁСАТ ОИД БА АМАЛИЁТИ ҒАЙРИФАЪОЛИ БОНК

## УСУЛҲОИ БА РОҲ МОНДАНИ СИЁСАТ

Амалиёти ғайрифаъол - ин амалиёте мебошад, ки тавассути он Филиал захираҳои худро барои анҷом додани амалиёти қарзӣ ва дигар амалиёти фаъол ба роҳ мемонад.

Ба амалиёти ғайрифаъол дохил мешаванд:

- ҷалб намудани воситаҳои пулии шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисобҳои бонкии дархостӣ;
- ҷалб намудани воситаҳои пулии шахсони воқеӣ ба ҳисобҳои бонкии

пасандозӣ;

- кушодани суратҳисобҳои муҳлатноки шаҳрвандон, муассисаҳо, ташкилотҳо;
- барориши коғазҳои қиматнок;
- қарзҳои байнибонкӣ ва ғайраҳо.

Бонк меъёри фоизиро аз рӯи пасандозҳои бонкӣ ҳамчун фишанги асосӣ дар фазои рақобатпазир барои воситаҳои пулии озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мебарад. Баланд бардоштани меъёрҳои аз тарафи Филиал пешниҳодшаванда имконият медиҳанд, ки захираҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд. Ва баръакс, дар ҳолати барзиёдии захираҳо ё дар шароити маҳдудияти ҷойгирсозии самараноки онҳо (мисол: дар ҳолати риоя нашудани талаботи меъёрӣ аз рӯи сатҳи кифоятии сармоя), Филиал меъёри пасандозҳои бонкиро нигоҳ медорад ё ҳатто паст мекунад.

Вобаста ба намуди ҳисоби бонкӣ, асъори пасандози бонкӣ, муҳлати ҷойгирсозии воситаҳои пулӣ ва ҳаҷми маблағи пасандоз, Филиал меъёрҳои фарқкунандаро муқаррар менамояд.

Нархгузории уҳдадориҳои Бонк, дар заминаи таҳлили таносуби байни меъёри фоизӣ, ки нархи бозории воситаҳои ҷалбшуда ва хароҷотҳои Бонкро инъикос менамояд ва бо хизматрасонӣ намудан ба ҳар як намуди ҳисоби бонкӣ алоқаманд мебошад, сурат мегирад. Агар хароҷотҳои амалиётии Филиал барои суратҳисоб назаррас бошад, мисол, барои ҳисобҳои бонкии дархостии шахсони ҳуқуқӣ ё ҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ, он гоҳ, меъёр паст мешавад ё фоиз умуман пардохта намешавад.

Ҳангоми татбиқи Сиёсати фоизӣ, Филиал кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки амонатгузорро барои дар ҳисобҳои бонкӣ ҷойгир намудани маблағҳо, ҳамчун рақиби имконпазир ва рақобатпазир, тарзи дигари ҷойгирсозии воситаҳои пулӣ ҳавасманд намояд. Муқаррар намудани меъёрҳои фоизӣ аз рӯи пасандозҳои бонкӣ арзиши пойгоҳии захираҳои қарзиро муайян менамояд.

Нархи миёнаи воқеии захираҳои пулӣ, ки дар шакли пасандозҳои бонкӣ ҷалб карда мешаванд, дар асоси нархи исмии бозории захираҳои зикршуда ва тасҳеҳ ба меъёри захираи ҳатмии дар Бонки миллии Тоҷикистон ба амонат гузошташуда, муайян карда мешавад:

$$\text{Нмвб} = \frac{\text{Нмб}}{1\text{-Мзҳ} \times 100\%}$$ , ки дар ин ҷо:

**Нмвб** - нархи миёнаи воқеии пасандозҳои пулии муҳлатноки аз ҷониби Филиал ҷалбшаванда.

**Нмб** - сатҳи миёнаи бозории фоиз аз рӯи пасандозҳои бонкӣ;

**1-Мзҳ х 100%** - меъёри захираи ҳатмие, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон ба амонат гузошта шудааст + меъёри маблағҷудокунӣ ба Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошад.

*Эзоҳ:* Нархи воқеии миёнаи захираҳои пулӣ, аз рӯи намуди асъори пасандозҳои пулии ҷалбшаванда, ҳисоб карда мешавад.

Ба сатҳи меъёри пойгоҳии ҳисобҳои пасандозӣ омилҳои асосӣ таъсир

мерасонанд:

- суръати воқеии рушди иқтисодӣ дар мамлакат;
- сатҳи мунтазираи таваррум дар давоми муҳлати пасандозкунии воситаҳои пулӣ;
- хавфи бозпас нагардонидани воситаҳо, ки бо ташкилоти қарзии муайян алоқаманд мешавад (яъне, сатҳи боварӣ ба Филиал).

Сатҳи меъёри фоизӣ бо назардошти суръати рушди иқтисодӣ ва таваррум, барои пасандозгузорандагон меъёри арзиши исмии бехавф ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, дар кишваре, ки иқтисодиёти он дар давраи гузариш қарор дорад ва Тоҷикистон низ ба ҷумлаи он кишварҳо дохил мешавад, пешбинӣ намудани сатҳи таваррум, ба таври воқеӣ баҳо додан ба сатҳи хавфҳо дар бахши бонкдорӣ, басо душвор аст. Пешбинӣ намудани суръати афзоиши ҷараёни пулӣ, ҳатто дар сатҳи макроиқтисодӣ метавонад ба мушкилӣ мувоҷеҳ шавад. Бинобар ин сабаб, ҳангоми муқаррар кардани меъёри ҳисобҳои пасандозӣ, одатан Филиал сатҳи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ва меъёри миёнаи ҷории бозории ҳисобҳои пасандозиро, ки дар бозори бонкии Тоҷикистон амал менамояд, ба инобат мегирад. Дар ин ҳангом, бо назардошти хислати кӯтоҳмуҳлат доштани аксари маҳсулоти депозитии аз тарафи Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе пешниҳодшаванда, аз рӯи ҳисобҳои пасандозӣ меъёри собити фоизӣ муқаррар карда мешавад. Чун қоида меъёрҳои фоизии тағйирёбанда, ҳангоми қарзгириҳои байнибонкӣ ва бо шартҳои муҳлатнокӣ - ба давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат (бештар аз ду сол) ҷалб намудани пасандозҳо, муқаррар карда мешаванд.

Фоизҳое, ки барои ҳисобҳои пасандозӣ пардохта мешаванд аз рӯи сохтори пасандозҳо ва мувофиқи талабот ба захираҳои қарзӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Таносуби талабот ва пешниҳодот дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба меъёри фоизӣ ва ба нархи молҳо таъсири якхела мерасонад, агар пешниҳод аз талабот зиёдтар бошад - Филиал меъёри фоизиро паст мекунад, агар талабот аз пешниҳод зиёд бошад - Филиал меъёри фоизҳоро аз рӯи пасандозҳои пулии ҷалбшаванда, баланд мебардорад.

Аз ҷониби Филиал пардохт шудани фоизҳо аз рӯи ҳисобҳои пасандозӣ - қисми асосии хароҷоти амалиётиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, аз як тараф Филиал барои баланд будани сатҳи меъёри фоизии пасандозҳои муҳлатнок ҳавасманд намебошад, аз тарафи дигар бошад - маҷбур аст, чунин сатҳи меъёри фоизиеро барои пасандозҳои пулӣ нигоҳ дорад, ки барои муштариён ҷолиб мебошад.

Сатҳи ниҳоии меъёри фоизӣ аз рӯи ҳисобҳои пасандозӣ ба омилҳои зерин вобастааст:

- талабот ва пешниҳоди воситаҳои пулӣ дар бозор;
- сатҳи пардохтпазирии бонк;
- сатҳи андозбандии даромадҳо - барои амонатгузор ва хароҷотҳо - барои Филиал;
- сохтор ва шартҳои пасандози пулии дар Филиал ҷойгиршуда, ва ғайраҳо.

Филиал ҳуқуқ надорад бо тартиби яктарафа меъёрҳои фоизиро аз рӯи ҳисобҳои пасандозӣ ва муҳлати амали шартномаҳои пасандозии бонкиро бо муштариён тағйир

Барои ҳар 30 рӯзи пурраи тақвимии иловагӣ аз муҳлатҳои муқарраршуда (ба истисноӣ сатри охирон, яъне 24 (моҳ) *0,1 банди фоизӣ* аз ҷадвали муқарраршуда зиёд кардани фоизҳо иҷозат дода мешавад.

Ба сохтори амалиётии Филиал ҳуқуқ дода мешавад, ки вобаста ба рақобати бозор ҳангоми қабули пасандозҳои муҳлатнок аз муштариёни бонуфузи Филиал меъёри фоизҳоро то 1-банди фоизӣ аз ҷадвали муқарраршуда зиёд ҷалб намоянд.

Филиал бо назардошти хусусиятҳои аз тарафи пасандозгузорон ҷойгирсозии пасандозҳои муҳлатноки пулӣ дар ҳолатҳои зерин ба онҳо пардохта шудани даромади фоизиро ба андозаи 1 фоизи солона кафолат медиҳад:

- ҳангоми аз тарафи пасандозгузор пеш аз муҳлат бекор карда шудани шартномаи пасандозии бонкӣ (бо бозшуморӣ намудани фоизҳои қаблан бо меъёри фоизии нисбатан баландтар пардохташуда);
- пас аз ба охир расидани муҳлати амали шартномаҳои пасандози бонкӣ, дар ҳолати дархост нашудани пасандози пулӣ.

Ба мақсади ҳавасмандгардонии пасандозгузорон барои риоя шудани шартномаи ибтидоӣ аз рӯи муҳлат ва шартҳои ҷойгирсозии воситаҳои пулӣ дар Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе (ба муҳлати зиёда аз ду сол), аз тарафи Филиал метавонад фоизӣ инъомӣ муқаррар карда шавад, ки ба пасандозгузор ба сифати даромади фоизии иловагӣ пардохта мешавад. Андозаи фоизҳои инъомӣ барои ҳар як маҳсулоти бонкии ҳисобҳои пасандозӣ, бояд аз тарафи Раиси Филиал тасдиқ карда шаванд.

## БОБИ 3. СИЁСАТ ОИД БА АМАЛИЁТҲОИ ФАЪОЛИ БОНК

## УСУЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТ

Амалиёти фаъол - ин амалиёте мебошад, ки ба воситаи он Филиал захираҳои пули дар ихтиёри худ доштаро ҷойгир мекунад. Аз ҷумла:

- қарздиҳии кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати фаъолияти тиҷоратии субъектҳои хоҷагидории бахшҳои гуногуни иқтисодиёт;
- пешниҳод кардани қарзҳои истеъмолӣ ва ипотекӣ ба аҳолӣ;
- харидорӣ намудани коғазҳои қиматнок;
- лизинг, факторинг, маблағгузорӣ ва қарзгузории инноватсионӣ (фаъолияти навоварӣ);
- бо маблағҳои Филиал ба таври ҳиссавӣ иштирок намудан дар фаъолияти хоҷагидории шахсони ҳуқуқӣ;
- қарзҳое, ки ба дигар бонкҳо пешниҳод мешаванд.

Идора кардани сиёсати фоизӣ аз рӯи амалиёти фаъол, аз истифодабарии маҷмуи чорабиниҳо барои муқаррар намудани меъёри муносиби фоизи қарз, бо мақсади таъмин кардани фаъолияти самараноки Филиал ҳангоми анҷом додани амалиёти қарзӣ ва лизингӣ ва коҳиш додани хавфҳое, ки тағйирёбии нархро барои

хизматрасонии қарзӣ ҳамроҳӣ мекунанд, иборат мебошад.

Ҳадди болоии фоизи бонкӣ барои қарз аз рӯи шартҳои бозорӣ муайян карда мешавад. Ҳадди поёнӣ бошад, бо назардошти хароҷоти барои ҷалб намудани воситаҳо анҷомдодаи Филиал муайян карда мешавад.

Барои самаранок идора кардани даромади аз амалиёти қарзӣ бадастомада, тафовути (маржа) ҳадди ақалли фоизӣ, ки бузургии хароҷоти ташаккулёфтаро шарҳ медиҳад ва бо комиссияҳо ва бо дигар даромадҳо ба ҳар як воҳиди воситаҳои босамар ҷойгиркардашуда пӯшонида нашудаанд, муайян ва таҳлил карда мешавад:

$$М_{акал} = \frac{ХБ_{бф} - ДБ_{бф}}{ДБ_{ф}}$$ , ки дар ин ҷо:

$М_{акал}$ - маржаи ҳадди ақал;

$ХБ_{бф}$ - хароҷот барои таъмини кори Филиал (ҳамаи хароҷотҳои бефоиз);

$ДБ_{бф}$ - дигар даромадҳои Филиал (даромадҳо, ба истиснои воридшавӣ ба амалиёти фаъол);

$ДБ_{ф}$ - дороиҳои тавозуни Филиал, ки даромади фоизӣ меоранд.

Барои равшан намудани самаранокии шартномаҳои қарзӣ, муайян кардани қобили қабул будани ин ё он нархи қарз, нишондиҳандаи нисбии чунин нарх - меъёри фоиз, истифода бурда мешавад. Муносибати ҳаҷми маблағи фоизҳои пардохташуда (пардохти фоизӣ) нисбат ба андозаи қарз, барои баъзе қисматҳои собити фосилаи вакт, хос мебошад:

$$М_{ф} = \frac{\sum_{бф}}{Қ_{б}} \times 100\%$$, ки дар ин ҷо:

$М_{ф}$ - меъёри фоиз;

$\sum_{бф}$ - ҳаҷми маблағи фоизҳои пардохташуда;

$Қ_{б}$ - андозаи қарз (кредит), мебошад.

Меъёри фоизи пойгоҳӣ аз рӯи «арзиши аслии» банақшагирифташудаи сармояи қарзӣ ва сатҳи фоиданокии аз ҳисоби амалиётҳои қарзӣ барои меъёри фоизӣ аз рӯи қарзҳо, муайян карда мешавад. Меъёри бонкии пойгоҳӣ - ин меъёри ҳадди ақаллест, ки аз ҷониби Филиал барои қарзҳои пешниҳодшаванда муқаррар мегардад. Филиал қарз пешниҳод карда, як миқдор тафовутро (маржа) илова менамояд, ба ибораи дигар, маблағи изофиро ба меъёри пойгоҳӣ зам мекунад. Меъёри пойгоҳӣ хароҷоти амалиётӣ ва маъмурии Филиал ва фоидаро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ,

$$М_{ф} = Ф_{1} + Ф_{2} + Н_{ф}$$, ки дар ин ҷо:

**$Ф_{1}$** - нархи миёнаи воқеии ҳамаи захираҳои қарзӣ барои давраи банақшагирифташуда;

**$Ф_{2}$** - нисбати хароҷоти банақшагирифташуда аз рӯи таъмин намудани фаъолияти бонк ба ҳаҷми мунтазираи самаранок ҷойгирсозии воситаҳо;

$Н_ф$ - сатҳи банақшагирифтаи фоиданокии амалиёти қарзии Филиал бо хавфи ҳадди ақал.

Нархи миёнаи воқеии захираҳои қарзӣ ($Ф_1$), аз рӯи формулаи миёнавазни арифметикӣ, бо назардошти нархи намуди алоҳидаи захираҳо ва вазни қиёсии онҳо дар ҳаҷми маблағи умумии воситаҳои аз тарафи Филиал сафарбаршаванда (музднок ва бемузд), муайян карда мешавад.

Тағйирёбии нархи қарз на танҳо барои Филиал ва муштарӣ, балки дар маҷмуъ барои иқтисодиёти мамлакат аҳамияти бузург дорад. Ҳамин тавр, дар ҳолати боло рафтани нархи қарз сарчашмаҳои васеъ кардани истеҳсолот коҳиш меёбанд. Баланд шудани меъёри фоизӣ аз қиматшавии қарз ва паст шудани он аз арзон шудани қарз далолат мекунад.

Ҳангоми таҳлил намудани тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ, дар навбати аввал Филиал омилҳои берунаро, ки ба ин тағйирёбӣ таъсир мерасонад, баррасӣ менамояд. Ба монанди:

- сиёсати давлатии пулию қарзӣ, ки таҳия кардан ва дар амал татбиқ намудани он ба зиммаи Бонки миллии Тоҷикистон вогузор шудааст;
- рақобат дар бозори хизматрасониҳои қарзӣ. Меъёри фоизии нисбатан пасти барои қарзҳо муқарраршуда, барои ҷалби бештари муштариён ва дар байни рақобаткунандагон ба бартарӣ ноил шудан имконият фароҳам меорад.

Бо мақсади зиёд кардани фоида, чун қоида Филиал, фоизи қарзиеро муқаррар менамояд, ки тахти он қарзгирандагон метавонанд қарз гиранд ва фоизеро аз рӯи пасандозҳои пулии ҷалбшуда муқаррар менамояд, ки тахти он муштариён хоҳиши дар Филиал пасандоз гузоштани воситаҳои пулиашонро пайдо мекунанд. Яъне, Филиал кӯшиш мекунад сиёсати фоизиро тарзе ба роҳ монад, ки ба коҳиш ёфтани гардиши байнибонкӣ ҳамчун омили асосии ба фоида таъсиррасонанда наорад.

Меъёри фоизии исмӣ, бояд дар сатҳи кифоя барои пӯшонидани суръати пешбинишудаи таваррум, дар тӯли тамоми муҳлати маблағгузорӣ ва таъмин намудани самараи воқеӣ, муқаррар карда шавад. Вобаста бо ин:

$$Ф_в = Ф_и - С_т,$$ ки дар ин ҷо:

$Ф_в$ - меъёри воқеии фоиз барои қарз;

$Ф_и$ - меъёри исмии фоиз барои қарз;
$С_т$ - суръати таваррум, мебошад.

Даромаднокии воқеии амалиётҳои қарзӣ, бо назардошти он муқаррар карда мешавад, ки баъзе аз қарзҳо қисман баргардонда намешаванд ё ба таври пурра баргардонда намешаванд.

Ҳамин тариқ, сиёсати фоизӣ аз рӯи амалиётҳои фаъоли Филиал, бо назардошти қолаби умумии қабулшудаи нархгузории захираҳои қарзӣ ва фоиз дар иқтисодиёт, таҳия мешавад:

## *Сиёсати фоизии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе*

| Нишондиҳандаҳо | Омилҳо |
|---|---|
| *Сатҳи бузург (макроуровень). Омилҳои умумииқтисодӣ* | |
| Нархи захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ | Миқдор ва суръати гардиши пул |
| | Сатҳи таваррум |
| | Сохтори воситаҳои ҷалбшуда |
| | Қурби асъории воҳиди пули миллӣ |
| | Қарздорӣ аз рӯи музди меҳнат, сатҳи даромадҳои аҳолӣ |
| | Нархи уҳдадориҳои қарзии давлат |
| | Меъёри бозтамвили БМТ |
| | Меъёри захираҳои ҳатмии БМТ |

## *Сиёсати фоизии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе*

| | |
|---|---|
| | Андозаи пардохтҳо ба Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| *Сатҳи хурд (микроуровень). Омилҳои ҷузъӣ* | |
| Нархи захираҳои қарзии Филиал | Муҳлати ҷалбкунии захираҳо |
| | Ҳолати талабот дар бозори қарзӣ |
| | Шароити бозори захираҳои қарзӣ |
| | Хусусияти муштарӣ (муассисон, ташкилотҳо, соҳаҳо ва ғайраҳо) |
| | Андозаи захираҳои ҷалбшаванда |
| | Хусусияти Филиал (самти фаъолият) |
| Нархи миёнаи (пойгоҳии) қарз = нархи захираҳои қарзии Филиал + тафовут (маржа) | Ҳолати талабот ба қарз |
| | Рақобат |
| | Судоварии дигар амалиёти фаъол |
| | Сатҳи таваррум |
| | Хароҷот барои пардохти ҳатмии андоз |
| | Хароҷот барои пардохт ба фондҳои ғайрибуҷавӣ |
| | Хароҷоти дохилии Филиал (хароҷотҳои маъмурӣ ва хароҷотҳо барои пӯшонидани хавфи қарзӣ) |
| | Хароҷоти ҳатмие, ки фоидаи бонкро кам мекунанд (судҳо) |
| Нархи қарзи қарзгири мушаххас = нархи миёнаи (пойгоҳии) қарз + - ислоҳкунӣ | Қобилияти қарзпардозӣ доштани муштарӣ |
| | Хусусияти муштарӣ |
| | Дараҷаи хавфи лоиҳа |
| | Муҳлати пешниҳоди қарз |
| | Имконияти ҷалб кардани захираҳои қарзии иловагӣ |
| | Хислати таъминоти пешниҳодшуда |
| | Андозаи қарз |
| | Захирае, ки аз рӯи қарзи мазкур фароҳам овардани он зарур аст |

Бо назардошти омилҳои дар боло зикршуда, андозаи ҳадди ақали тафовут (маржа) ҳангоми ҷойгирсозии захираҳои қарзии ҷалбшуда, дар Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе бо пули миллӣ дар сатҳи 10 фоиз ва бо арзи хориҷӣ

дар сатҳи 6 фоиз муқаррар карда мешавад, ки барои пӯшонидани хароҷоти дахлдори Филиал зарур аст ва сатҳи судоварии Бонкро ба инобат мегирад, аз ҷумла:

- хароҷоти барои ҷалб намудани пасандозҳои пулӣ бо назардошти хароҷоти амалиётӣ, ба истисноѝ гузаронидани маблағ ба Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;
- хароҷоти амалиётии бо амалиёти қарзии анҷомдодашаванда алоқаманд;
- судоварии амалиёти қарзии дар Буҷаи (дурнамои молии) Филиал ба назар гирифташуда, бо баинобатгирии ҳаҷми даромади фоизии ба нақша гирифташуда;
- ба таври иловагӣ, барои пӯшонидани зиёни бардоштаи Филиал аз дороиҳои ғайриифаъол, баланд кардани нарх.

Дар Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе меъёри фоизӣ дар шартномаҳо бо муштариён, дар шакли фоизи солона, баён шудааст.

Ҳамаи даромадҳои комиссионии марбут ба омӯзиши дархости қарзии қарзгир, таҳлили қобилияти қарзпардозӣ доштани ӯ, ба таври зарурӣ ба расмият даровардани муносибатҳои қарзӣ бо қарзгир, ҷустуҷӯ намудани захираҳои заруриии пулию қарзӣ, инчунин бо гузаронидани мониторинги ҷараёни муносиботи минбаъдаи қарзии байни Филиал ва қарзгир аз ҷониби Филиал ба меъёри фоизии барои қарз муқарраршаванда ворид карда мешаванд.

## МЕЪЁРҲОИ ФОИЗИИ ҶОРИИ ҚАРЗҲО

Бо назардошти усулҳои ҷорӣ кардани сиёсати фоизӣ аз рӯи амалиёти фаъоли Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе аз рӯи гуруҳҳои асосии маҳсулоти қарзӣ, меъёрҳои фоизии сатҳи гуногун дошта, ба таври алоҳида - барои қарзгирони нав ва такрорӣ, муқаррар карда мешаванд.

**Барои муштариёни нави Филиал**, меъёрҳои фоизии зерини қарз муқаррар карда мешаванд:

| **Номгӯи гурӯҳи қарз** | **бо пули миллӣ** | **бо асъори хориҷӣ** |
|---|---|---|
| *ҚАРЗҲО БАРОИ МУШТАРИЁНИ КОРПОРАТИВӢ* | | |
| Қарз барои фаъолияти тавлидотӣ (саноатӣ) | 18-21 % солона | 16-18 % солона |
| Қарз барои соҳаи кишоварзӣ ва коркард | 18-21 % солона | 12-16 % солона |
| Қарз барои маблағгузории тиҷоратӣ | 18-21 % солона | 16-18 % солона |

| | | |
|---|---|---|
| Кафолатномаҳои бонкие, ки ба воситаи бонкҳои хориҷӣ маблағгузорӣ ва тасдиқ карда мешаванд | 3 %-и солона на камтар аз маош барои се моҳ | |
| **Номгӯи гуруҳи қарз** | **бо пули миллӣ** | **бо асъори хориҷӣ** |
| Кафолатномаҳо, ки аз номи Бонки «Тиҷорат» бароварда мешаванд: | | |
| а) таъминот бо гарави пасандоз | 3 % солона | |
| б) таъминот бо дигар амвол | 3 % солона | |
| *ҚАРЗҲО БАРОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ* | | |
| Қарз барои эҳтиёҷоти зарурӣ | 18-21% солона | 16-18 % солона |
| Қарзи донишҷӯӣ | 18-21% солона | 16-18 % солона |
| Қарз барои таъмир ва хариди маскан | 18-21 % солона | 16-18 % солона |

Аз рӯи қарзҳое, ки **ба муштариёни арзанда (такрорӣ)**, ки таърихи қарзии қаноатбахш доранд, меъёрҳои фоизии зерин муқаррар карда мешавад:

| **Номгӯи гурӯҳи қарз** | **бо пули миллӣ** | **бо асъори хориҷӣ** |
| --- | --- | --- |
| *ҚАРЗҲО БАРОИ МУШТАРИЁНИ КОРПОРАТИВӢ* | | |
| Қарз барои фаъолияти тавлидотӣ (саноатӣ) | 18-21 % солона | 16-18 % солона |
| Қарз барои соҳаи кишоварзӣ ва коркард | 18-21 % солона | 12-16 % солона |
| Қарз барои маблағгузории тиҷоратӣ | 18-21 % солона | 16-18 % солона |
| Кафолатномаҳои бонкие, ки ба воситаи бонкҳои хориҷӣ маблағгузорӣ ва тасдиқ карда мешаванд | 3 %-и солона на камтар аз маош барои се моҳ | |
| **Номгӯи гуруҳи қарз** | **бо пули миллӣ** | **бо асъори хориҷӣ** |
| Кафолатномаҳо, ки аз номи Бонки «Тиҷорат» бароварда мешаванд: | | |
| а) таъминот бо гарави пасандоз | 3 % солона | |
| б) таъминот бо дигар амвол | 3 % солона | |
| *ҚАРЗҲО БАРОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ* | | |
| Қарз барои эҳтиёҷоти зарурӣ | 18-21% солона | 16-18 % солона |
| Қарзи донишҷӯӣ | 18-21% солона | 16-18 % солона |
| Қарз барои таъмир ва хариди маскан | 18-21 % солона | 16-18 % солона |

*Сиёсати фоизии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе*

Шартҳои музднокии қарзҳои истеъмолӣ ва ипотекӣ, ки дар доираи татбиқи низоми ҳавасмандгардонии кормандони Филиал пешниҳод мешаванд, 8 фоизи солонаро ташкил медиҳанд, ки ин бо назардошти ба ин мақсад истифода шудани воситаҳои худии Филиал, меъёри фоизии бозорӣ мебошад.

Ҷаримаҳо аз рӯи қарз, бояд ба қисмати қарзи муҳлатнок, ба таъхир гузошташуда ва муҳлатгузашта ҳисоб карда зам карда шавад.

Фоизҳо ва ҷаримаҳо ҳисоб карда, зам карда намешаванд:

- аз рӯи қарзҳое, ки дар марҳилаи истеҳсолоти судӣ қарор доранд ё аз он гузаштаанд;
- аз рӯи қарзҳое, ки пурра аз ҳисоби фонди талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо пӯшонида шудаанд;
- аз рӯи қарзҳое, ки аз рӯи онҳо меъёри фоизии сифр муқаррар карда шудааст.

---

Ҳамаи меъёрҳо ва тартиботе, ки ба мақсади иҷро шудани сиёсати фоизии дар боло зикршудаи Филиал бояд риоя карда шаванд, дар доираи муқаррароти Дастуруламалҳои Бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Низомномаҳои дохилии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе таҳия шудаанд. Дар баробари ин, Роҳбарияти Филиал дар ҳолатҳои эҳтимолӣ, оид ба масъалаҳои ба роҳ мондани равандҳои тиҷоратие, ки бо ҳисоб кардан ва пардохтани фоизҳо алоқаманд мебошанд ба қисматҳои алоҳидаи сиёсати фоизӣ тағйироту иловаҳо ворид менамояд ё санадҳои иловагии дохилӣ қабул менамояд.